**ҚАРОРИ**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–052-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 18 апрели соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–052 диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ (роҳбарони илмӣ – номзади илмҳои психологӣ Шарипова М.Ё., мушовири илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ Маҷидова Б.), тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, тақризҳо ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Иззатова М.И., номзади илмҳои педагогӣ Салимова Д.М., инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Саидов М.В., номзади илмҳои психологӣ Амонов Н. Қ., номзади илмҳои фалсафа, дотсент Маҳмадизода Н.Д., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шӯро оид ба диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ ҷавобгӯйи талаботҳои пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудаанд, мебошад.
2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Сафарова Заррина Раҷабовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Сафарова Заррина Раҷабовна бо дараҷаи илмии

номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 15 нафар, Муқобил нест, Бетараф нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шӯро**: иҷозат диҳед диссертантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои шӯроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Н.М. Юнусова**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ф.С. Миров**